***Т А Қ Р И З***

***ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502– Забони тоҷикӣ)***

Нигоҳдориву пуштибонӣ аз сарвати бебаҳои таърих – забони миллӣ таҳқиқи барҷову густардаи номшиносӣ маҳсуб ёфта, танҳо бо ин роҳ қимати таърихии забон, асолату ғановати он, кашфи ногуфтаҳои мармузи таърихӣ ва паҳлуҳои дигари рушди инкишофи забони тоҷикӣ бозгӯй хоҳанд шуд. Тавассути омӯзишу баррасии номҳо асрори сеҳрангези забони тоҷикӣ рӯйи кор хоҳанд омад. Баррасиву омӯзиши маводи онимӣ дар кушодани асрори ногуфтаи илмӣ, таърихӣ ва сиёсиву иҷтимоӣ мусоидат хоҳанд кард.

Пажуҳиши мавриди таваҷҷуҳ, ки фарогири маводи пурраи ономастикӣ мебошад, асосан, ба омӯзишу баррасии онимияи «Таърихи Бухоро»-и Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ ихтисос дорад. «Таърихи Бухоро» ҳамчун асари таърихӣ манбаи ғании номҳо буда, аз нигоҳи бозгуиву далели таърихӣ асари арзишманд маҳсуб меёбад. Ин асар барои омӯхтани таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию иқтисодии асримиёнагии миллати тоҷик маъхази муътамаду комил ба шумор рафта, яке аз сарчашмаҳои муҳимми қуруни вусто маҳсуб меёбад.

Дар доираи ин пажуҳиши мухтасар тамоми маводи онимияи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ бо истифода аз усули оморӣ таҳқиқ гардида, мавқеи ҳар як қабати онимӣ, чандомади номҳо, мавқеи истифода ва мақоми дараҷавии онҳо таҳлил гардиданд, ки дар масири номшиносии тоҷик дастоварди хуби илмӣ маҳсуб меёбад.

Мазмуни автореферати диссертатсия аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертант вориди мавзуъ гардида, аз муҳтавои он ба таври комил бархурдор мебошад.

Дар муқаддимаи автореферат тибқи талаботи мавҷуда мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, робитаи таҳқиқ ба барномаву мавзуъҳои илмӣ, навгонии илмӣ, мақсади таҳқиқ ва навгонии таҳқиқ, ки рисола дар заминаи онҳо таълифу мураттаб гардидааст, баррасӣ гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия масъаларо аз лиҳози назариявӣ фаро гирифта, онро дар ду фасл мутаҳид месозад. Дар фасли аввали ин боб «Таърихи Бухоро» ҳамчун объекти омӯзиш барои диссертант таҳқиқ гардида, нусхаҳои маҳфузи он дар китобхонаҳои бузургтарини дунё нишон дода шуда, аз саҳми олимону муҳаққиқони он ба таври густурда ёдоварӣ шудааст.

Диссертант дар фасли дуюми ин боб тамоми маводи таҳқиқшавандаро аз нигоҳи чандомад вобаста ба қабатҳои ҷудогона бо истифода аз усули оморӣ баррасӣ намудааст. Дар панҷ зерфасли дигар, монанди «Таснифоти антропонимияи асар», «Таснифоти топонимияи асар», «Таснифоти номи китобҳо», «Таснифоти гидронимия» ва «Таснифоти номҳои омехта» корбасти ҷудогонаи қабатҳои ономастикии «Таърихи Бухоро» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили луғавӣ-маъноӣ ва сохтории топонимия ва антропонимияи «Таърихи Бухоро»» унвон дошта, дар ин боб қабати топонимия ва антропонимияи асар аз нигоҳи луғавӣ – маъноӣ ва сохторӣ дар фасли алоҳида таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар фасли аввали ин боб, ки «Таснифоти сохторӣ-калимасозии топонимия» ном дорад, маводи мавриди таҳқиқ муфассал таснифу таҳқиқ гардидааст.

Фасли дуюми боби дуюм дар худ маводи ойконимияи асарро муттаҳид сохта, қабатҳои номбаршавандаи онро мисли полионимия, комонимия, хоронимия, астионимия ва агоронимия таснифу баррасӣ намудааст.

Дар фасли сеюми ин боб оронимияи асар баррасӣ гардидааст. Қабати оронимия ҳамчун мафҳуми ономастикӣ ном ва луғоти марбут ба сатҳи заминро дар «Таърихи Бухоро» фаро мегирад. Қабатҳои дигари оронимӣ монанди кӯҳҳо, номи теппаҳо, номи ағбаҳо ва номи дараҳо низ маводи мавриди таҳқиқи ин фасл мебошанд.

Дар фасли чоруми боби дуюм қабати дромонимияи асар мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Дромонимия ҳамчун қабати ономастикӣ номи хоси ҳама гуна воситаи алоқа, монанди алоқаи заминӣ, обӣ, зеризаминӣ, ҳавоӣ, чун қоида, берун аз маҳалҳои аҳолинишинро фаро мегирад. Дар қабати дромонимяи асар номи қалъаҳо ва ибодатгоҳҳо зикр ёфтаанд, ки мароқовар мебошанд.

Дар фасли панҷуми боби дуюм номи майдону бозорҳо, ки бо номи «Агоронимия» номбар мешавад, таҳқиқ гардидаанд. Диссертант ҳангоми баррасии масъала дар шумори агоронимия (дар баробари номи майдон ва бозор) қабати топонимие, ки ҳамчун хароба: Шуллктеппа [Šullkteppa], Мингурюк [Minguryuk]; макони муҳориба: Сиффин [Siffin]; ободӣ: Хайбар [Xaybar]; номи мулк: Рай [Ray] зикр шудаанд, ки бо назардошти ба хусусиятҳои агоронимия наздик будани мавқеи ҷуғрофии ин ҷойномҳо, онҳоро агоронимия ном бурда шудааст.

Фасли шашуми ин боб маводи гидронимияи асарро баррасӣ мекунад. «Гидронимия дорои ҷанбаҳои забоншиносӣ, таърихнигорӣ ва ҷуғрофӣ буда, теъдоди умумии онҳо дар асар 55 номгӯйро ташкил медиҳанд. Дар қабати маводи топонимии «Таърихи Бухоро» гидронимия

бо номи дарё, кӯл, нахр, рӯд, ҷӯй/ҷӯйбор ва бахр ифода гардидаанд», иброз медорад диссертант.

Дар фасли ҳафтуми боби дуюм масъалаи хусусиятҳои сохторӣ-калимасозии антропонимия баррасӣ мегардад. Зимни пажуҳиши маводи онимии «Таърихи Бухоро» 857 антропонимия (аз инҳо 8 лақаб, ки дар шумора ба инобат гирифта нашудааст) корбаст гардидааст, ки аз рӯйи сохтор сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ мебошанд.

Фасли ҳаштуми боби дуюм «Номҳои ифтихорӣ ва лақабҳо» унвон дошта, дар ин фасл номҳои ифтихорӣ ё худ тахаллусу луқабҳо таҳқиқ гардидаанд. Масъалаи мавриди назар пахлуҳои ҷолиб дошта, ҳини пажуҳиш масоили мухталифи зиндагии мардум, шахсиятҳои таърихӣ, тамаддуну фарҳанг, расму оин ва дигар ҷузъиёти ҷаззобият рӯйи кор меоянд. Ҳангоми таҳлил ва омӯзишу бозбинии номҳои ифтихории қабати антропонимияи асар, ки баъзан номҳои изофӣ ё худ иловагӣ дар баробари тахаллусу лақаб шинохта мешаванд, ҳашт номгӯйро ташкил медиҳад: Алоуддин [Alāuddin], Атиқ [Atiq], Байғу/Баёғу/Ябғу [Bayğu/Bayāğu/Yabğu], Қуббат-ул-ислом [Qubat-ul-islām], Қутбуддин [Qutbuddin], Оҳупӯш [Āhupōš], Фохира [Fāxira] ва Ямин-уд-давла [Yamin-ud-davla].

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои луғавӣ-маъноии қабати номҳои омехта дар «Таърихи Бухоро»» унвон дошта, дар он қабатҳои омехтаи номҳои «Таърихи Бухоро» дар чор фасл баррасӣ гардидаанд. Зимнан бояд гуфт, ки ономастика маҷмуи ҳама гуна номҳоро новобаста ба мансубияти забонӣ ва ҷанбаҳои этникиашон омӯхта, ҳаҷму шакл ва ҷанбаҳои лексикиву маъноии онҳоро мавриди баҳсу баррасии худ қарор медиҳад. Дар ин баррасӣ қабати ономастикони омехтаи «Таърихи Бухоро» таҳқиқ гардидааст.

Фасли якуми боби сеюм «Хрематонимия» унвон дошта, дар он номҳое ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, ки хеле мавриди таваҷҷуҳ ва ҷолибанд. Ин бахши забоншиносӣ номҳои хосеро монанди номи китобҳо, мақолаҳо, объектҳои фарҳанги моддӣ, дасткориҳои инсон мисли ихтироот, таълифот, силоҳ, асбобҳои мусиқӣ, ҷавоҳироту кандакорӣ ва ғайра дар бар мегирад. Яъне хрематонимия номҳои ашёи хосеро, ки ба феҳристи фарҳанги моддӣ дахл доранд, фаро мегирад.

Фасли дуюми ин боб ба омӯзиши этнонимияи асар бахшида шудааст. Дар «Таърихи Бухоро» теъдоди этнонимия 59 номгӯйро ташкил дода, аз рӯйи мансубияти забонӣ, сохторӣ ва таркиби фонологии худ аз якдигар фарқ мекунанд. Таҳқиқи ин қабати номҳои асар ҷанбаҳои хеле ҷолибу ҷаззоб дошта, дар шинохти арзишҳои миллӣ, расму анъаноти

таърихӣ ва марҳилаҳои рушду ташаккули мардум дар давраҳои мухталифи таърихӣ мусоидати амиқ менамояд.

Дар фасли сеюми боби сеюм номи ҷирмҳои осмонӣ, ки дар ономастика бо истилоҳи космонимия шинохта мешаванд, баррасӣ гардидаанд, ки ин қабати онимӣ дар «Таърихи Бухоро» аҳаммияти хоса дорад. Космонимия як категорияи махсуси номҳои хос буда, таърихи тулонии пайдоиш дорад. Омӯзишу баррасии ин қабати онимӣ фаҳмиши инсонро дар шинохти коинот ва ҷирмҳои он равшан менамояд. Маҳз фаҳмиши шинохти ҷирмҳои осмонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки чӣ тавр одамон дар замонҳои қадим тасвири коинотро тасаввур ва тавассути ҳаракати ҷирмҳо дар фазо вақтро дақиқан ва ё ба таври нисбӣ муайян мекарданд.

Фасли чоруми боби сеюм, ки «Номҳои марбут ба шохаҳои дигари ономастика» унвон дорад, маводи ономастикони зерини асар, монанди номи ҷангҳо, номи сураҳо, истилоҳоти марбут ба адён ва номи дарвозаҳоро муттаҳид намуда, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Паҳлуҳои асосӣ ва ҷамъбасти хулосаи умумии диссертатсия дар бист банд ҳумчун хулосаи умумӣ ба таври фарогир ҷамъбаст гардида, дар шаш банд тавсияи истифодаи амалии диссертатсия дар мазмуни комил пешниҳод гардидааст.

Диссертант доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ як монография, 8 мақола, аз ҷумла, чор мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мазмуну муҳтавои рисоларо ба пуррагӣ фаро мегирад. Дар баробари комёбиҳо дар афторефератӣ диссертатсия камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ҳусну қубҳи корро беҳтар месозад:

1. Ба назари мо дар автореферат зарурати ҷой додани ихтисораҳо нест, зеро автореферат худ фишурдаи диссертатсия буда, шаклҳои ихтисоршудаи калимаву ибораҳо истифода нагардидаанд.

2. Дар муқаддимаи диссертатсия **мубрамии мавзуи таҳқиқ** хеле муфассал, яъне дар нуҳ банд (абзатс) шарҳ дода шудааст, ки ба назари мо андак мухтасар мебуд, ба манфиати кор мешуд.

3. Дар автореферати диссертатсия камбудиҳои техникӣ ва ғалатҳои забонӣ ҷо доранд, ки бартараф намудани онҳо мазмуну муҳтавои кори диссертатсиониро боло мебарад.

Камбудиҳои болозикр ҷанбаи тавсиявӣ дошта, арзиши илмии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонзода Рудобаи Исмоил мақсади гузошташуда ба даст омада, вазифаҳои дар пеш буда ба куллӣ

ичро гардидаанд, хулоса ва тавсияҳои муаллиф аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ асоснок шудаанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» ба талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502– Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқарриз,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

«11» марти соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, н. И. Сомонӣ,
кӯчаи Ҳ. Шерозӣ 14, хонаи 53
Тел.: (+992) 93 3099983
E-mail: usufov@mail.ru

Имзои дотсенти кафедраи
назария ва амалияи забоншиносӣ
Ш. Юсуповро тасдиқ мекунам,
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21,
ДДОТ ба номи С.Айнӣ
Тел.: +992 (37) 2241383
E-mail: info.tgpu.tj

«11» марти соли 2025